Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
31 декабри соли 2008,
№ 661 тасдиқ шудааст.

# ТАДБИРҲОИ ДАСТГИРИИ ТАРАҚҚИЁТИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ ВА ИНСОНШИНОСӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2009-2015

ШИНОСНОМАИ
Тадбирҳои дастгирии тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015

| | |
|---|---|
| Номи тадбирҳо | Тадбирҳои дастгирии тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 |
| Асос барои таҳияи Тадбирҳо | Нақшаи чорабиниҳо доир ба амалисозии Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 (банди 1.2 дар бораи Тадбирҳои дастгирӣ ва рушди минбаъдаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2006, № 362 тасдиқ шудааст. |
| Иҷрокунандагони асосии Тадбирҳо | Муасисаҳои илмию таҳқиқотии Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Академияи илмҳои педагогӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| Таҳиягарони Тадбирҳо | Ҳайати кории байниидоравӣ оид ба омода кардани Тадбирҳои дастгирии тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015, ки бо қарори Раёсати академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 октябри соли 2007, № 96 таъсис дода шудааст. |
| Мӯҳлати амали-созии Тадбирҳо | Солҳои 2009-2015 |
| Мақсад ва вазифаҳои Тадбирҳо | мақсад ва вазифаҳои Тадбирҳо иборатанд аз:<br>-бунёди заминаи зарурии тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар асоси арзишҳои умумибашарӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ (давлатӣ);<br>-ташаккул ва инкишофи шуури инфиродию дастаҷамъӣ, меросбарӣ, ворисияти арзишҳои фарҳангию миллӣ ва дастовардҳои тамаддуни халқи тоҷик;<br>-таъмини рушди мутаносиби ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносии назариявӣ дар заминаи ба эътибор гирифтани фазои ягонаи байналмилалии таҳсилоти хосияти миллидошта;<br>-ташаккули сатҳи зарурии идоракунии демократӣ, тарбияи дарки худшиносии сиёсӣ, азбар намудани муқаррароти суннатию башарӣ, тарбияи фаросати олии ворисият ба анъанаҳо ва арзишҳои ахлоқию фарҳангии миллӣ, истифодаи оқилонаи комёбиҳои пешрафти илмию техникӣ ва ғайраҳо;<br>Таъмини шароит барои Рушду камоли инсон, равона кардани қобилияти ӯ ба ҷӯстуҷӯ ва дарёфти тарзи ҳаёти солим, тараққиёти иҷтимоии ҷомеа, ҳифзи табиат ва ғайра;<br>-ташаккули шуури сиёсӣ, вусъати ваҳдати миллӣ, худшиносии миллӣ, такмили асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, эҳтироми арзишҳои фарҳангиву адабӣ ва таърихии ифодагари манфиатҳои давлатдории навин, ҳимояи истиқлол ва рушди мутаносиби кишвар. |
| Самтҳои асоси амалисозии Тадбирҳо | -пажӯҳишгоҳҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Маркази илмию методӣ ва ҳамоҳангсози илмии соҳаҳои дахлдор эътироф гаштаанд. Бинобар ин муассисаҳои мазкур бояд дар пешрафти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ нақши муассир дошта бошанд. |

| | |
|---|---|
| | Барои иҷрои ин вазифаҳо онҳо ба дастгирии рӯзафзуни давлат ниёз доранд;<br>-Стандартҳои давлатӣ оид ба илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ такмил ёфта, мақоми он дар байни донишҳои дигари инсоншиносӣ мушаххасан муайян ва асосҳои бунёдии онҳо таҳким дода шавад.<br>-дар Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ таълими илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ бояд мақоми сазовори худро пайдо намоянд;<br>-илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ, ки ифодаи илмӣ ва назариявии соҳаҳои асосии низоми ҷамъиятӣ ва идроки инсон мебошанд, дар риштаи маорифи кишвар ҳамчун фанҳои ҳатмии таълимӣ эътироф гарданд;<br>-дар замимаи модели навини Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ Нақшаҳои нави муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гарданд ва онҳо бидуни субъективизм ва валютаризм дар замима таҳлилҳои илмӣ ва баҳисобгирии манфиатҳои рушди давлати миллӣ анҷом дода шаванд. |
| Натиҷаҳои ниҳоии амалисозии тадбирҳо | Бо мақсади пурқувват кардани таъсири илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ ба суръати тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии кишвар таҳқиқот ва талаботи Амалии ҷомеа наздиктар карда мешаванд. Дар баробари баланд бардоштани сатҳи назариявӣ ва методологӣ истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар амал бештар ҷорӣ гардида, ки истифодаи дастовардҳои илмӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, сиёсат ва маънавии ҷомеа бештар ва самарабахштар мегардад, инчунин шароит барои амалӣ кардани таҳқиқоти илмӣ фароҳам меояд. |
| Таъмини молиявии амалисозии Тадбирҳо | Манбаи асосии таъминоти захиравии Тадбирҳо маблағгузории буҷетӣ мебошанд, ки он дар соҳаи илм ва соҳаи маориф ҷудо карда мешаванд. Барои иҷрои чорабиниҳои Тадбирҳо манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ, аз ҷумла маблағҳои ташкилоту фондҳои байналмилалӣ низ ҷалб карда мешаванд. Нишондиҳандаҳои мақсадноки дурнамои хароҷоти молиявӣ ва манбаъҳои маблағгузорӣ зимни коркарди чорабиниҳои алоҳидаи Тадбирҳо муайян карда мешавад. |
| Назорати иҷрои Тадбирҳо | Назорати иҷрои чорабиниҳои Тадбирҳо ба замимаи Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда мешавад. |

Муқаддима

### *1.Зарурати қабули Тадбирҳои дастгирии тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015. Вазъи кунунии илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ.*

Дар давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дастгирӣ ва тақвияти иқтидори илмӣ ҳамчун заминаи аслӣ ва роҳи стартегӣ барои тараққиёти устувори кишвар муайян ва интихоб шудааст.

Барои мустаҳкам намудани асосҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва заминаҳои рушди илм ва технология як қатор қонунҳо ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, ки сиёсати миллиро дар соҳаи илм муайян мекунанд ва ба дастгирии иқтидори илмӣ ва густариши пажуҳиши илмӣ равона шудаанд.

Дар солҳои 90-уми асри XX дар шароити бӯҳрони сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ вазифаи аввалиндараҷа аз он иборат буд, ки иқтидори илмии пажӯҳишгоҳҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияҳои соҳавӣ ва муассисаҳои мактабҳои олӣ то ҳадди имкон нигоҳ дошта шуда, барои дар сатҳи баланди илмӣ иҷро намудани таҳқиқи масъалаҳои умдаи ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ ва устувор намудани робитаҳои илмӣ бо марказҳои илмии кишварҳои хориҷӣ шароити муносиб фароҳам оварда шавад.

Аз ҳама муҳим он буд, ки иқтидори ин илмҳо ба омӯзиши масъалаҳои барои давлати навбунёди Тоҷикистон зарур ва рӯзмарра равона карда шаванд. Сарфи назар аз мушкилиҳо, хусусан душвориҳои молиявӣ институтҳо ва муассисаҳои дигари соҳа тавонистанд нафақат иқтидорҳои илмию таҳқиқотӣ ва захираи кадриро ба кадри зарурӣ нигоҳ доранд, балки ҳамчунин дар идома додани омӯзиши масъалаҳои фалсафа, иқтисодиёт, таърих, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, фолклор, мардумшиносӣ, шарқшиносӣ, демографӣ, ҳуқуқшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ғайра муваффақиятҳои муайян низ ба даст оранд.

Имрӯз Тоҷикистон дар марҳилаи таҳкими асосҳои иқтисодию иҷтимоӣ, маънавию фарҳангии истиқлолияти давлатӣ ва татбиқи Стратегияи миллии Рушд барои солҳои 2009-2015 қарор дорад.

Ин марҳила дар назди илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ вазифаҳои ниҳоят муҳим ва бунёдиро мегузорад. Зеро бидуни идораи илмии ҷомеа, муайян кардани раванди тараққиёти падидаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ расидан номумкин аст.

Илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ бо суолҳои муҳиме, ки таърих ва ҷараёни ҷаҳонишавӣ ба миён гузоштаанд, инчунин ба дарки манфиатҳои миллӣ бояд ҷавобҳои мувофиқ диҳанд. Зарурати ҳаётӣ ва таъхирнопазири омӯхтан ва муайян кардани қонунгузории умумии инкишофи давлат ва ҷамъият, ҳифзи асолати миллӣ, рушд ва тақвияти худогоҳии таърихӣ, тарбияи мардум, махсусан насли ҷавон бо назардошти равандҳои муосир ба илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ таваҷҷӯҳи ҳамаҷонибаро талаб менамоянд.

Мутаассифона ин масъалаҳо дар илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ имрӯз ба таври мунтаззам ва бояду шояд таҳқиқ нашудаанд.

### 2. Мушкилоти рушди илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ. Зарурати тараққӣ додани онҳо.

Мушкилоти давраи гузариш ҳалли бунёди масъалаҳои молиявӣ ва маблағгузорӣ, муҳайё кардани шароит ва имконияти рушди босуботи илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносиро тақозо доранд. Бинобар ин зарурати муносибат ба назари нав ба низоми донишҳо дар бораи ҷомеа пеш меояд. Аз ин сабаб, қабул ва амалӣ гардонидани Тадбирҳои дастгирии тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 (минбаъд Тадбирҳо) амри зарурӣ ва фаврӣ мебошад.

Дурнамои рушди минбаъдаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо намудани мақоми аввалия дар соҳаҳои марбутаи ин илмҳо дар ҷумҳурӣ ва минтақа ва ҳамгироии он бо илмҳои ҷаҳонӣ мебошад. Илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносии Тоҷикистон дар гузаштаи начандон дур дорои анъана ва мақоми хос буда, олимони тоҷик дар рушди ин илмҳо дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷаҳон нақши муассир доштанд.

Вале сарфи назар аз пешрафтҳои чашмрас дар соҳаи таҳқиқи масоили илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ камбудиҳои ҷиддӣ низ ҷой доштанд. Чунончӣ:

-масоили як идда илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ, аз ҷумла фалсафаи антропологӣ, этика, эстетика, сиёсатшиносӣ, демография аслан мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буданд;

-масоили баъзе илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ, мисли ҳуқуқшиносӣ ва сотсиология ба таври бисёр ноқис таҳқиқу баррасӣ мегардиданд;

-масъалаҳои таърихи фарҳанги тоҷик, аз ҷумла фалсафа ва адабиёти тоҷик яктарафа ва аз дидгоҳи идеологӣ омӯхта мешуданд, ки барои дарёфти ҳақиқати илмӣ мусоидат намекард;

-масъалаи тарбияи кадрҳои илмии соҳаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ ба таври ноқис сурат мегирифт. Зарурати қабули Тадбирҳо ҳамчунин ба омилҳо ва тамоюлоту таҳаввулоти асосии зерин робитаи табиӣ дорад:

-омӯзиши ташаккули иқтисоди бозорӣ ва муносибатҳои нави хоҷагидорӣ;

-омӯхтани қонуниятҳои ташаккули сохтори навини иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақоми он дар рушди устувор ва амнияти ҷомеа;

-баррасии қонунҳои ташаккули сохтори сиёсии ҷомеа ва омилҳои таҳкими давлатдорӣ;

-таҳқиқи таърихи халқи тоҷик ва фарҳанги он аз нигоҳи методологияи навин ва манфиатҳои истиқлолияти миллӣ ва давлатдорӣ;

-кашфи қонуниятҳои ташаккули фарҳанги навини тоҷик ва робитаи он бо фарҳанги ҷаҳонӣ;

-таъйини мақоми Тоҷикистон дар низоми ҷаҳони имрӯза бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ;

-мувофиқ гардонидани методологияи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, ва инсоншиносӣ, мазмуну мундариҷаи онҳо ба манфиати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва меъёрҳои пешқадами байналмилалӣ ва дар асоси он ба роҳ мондани таълифи китобҳо, таълими фанҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар муассисаҳои таълимоти ҳамагонӣ ва олӣ, таҳқиқи масъалаҳои тарбия, махсусан ахлоқи ҷавонон дар шароити кунунии тағйиру таҳаввули босуръати ҷомеа;

-омӯхтани илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ барои кашфи қонуниятҳои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, баланд бардоштани нақши илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар таҳкими ваҳдати миллӣ, худогоҳӣ, ватанпарастӣ ва маърифати умумӣ;

-хусусияти ташаккули мафкура ва такмили шуури ҷамъиятӣ дар сохтори давлати миллӣ;

-муайян ва мушаххас сохтани самтҳои аввалиндараҷа ва афзалиятноки тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаҳои мухталифи илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ;

- васеъ намудани доираи мавзӯъоти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ, мустаҳкам кардани пояҳои моддию техникии институтҳои илмию таҳқиқотӣ ва марказҳои дигари илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ;

-фароҳам овардани шароит барои таҳқиқи раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муайян кардани қонуниятҳои инкишофи он дар шароити ворид шудан ба иқтисоди бозорӣ, таъмини амнияти ҷомеа ва давлат дар шароити ҷаҳонишавӣ;

-баланд бардоштани нақши илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар шароити гузариш ба ҷомеаи шаҳрвандӣ;

-таҳияи Консепсияи миллии тарбияи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба он мувофиқ кунонидани васоити таълимии фанҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ барои муассисаҳои таълимоти ҳамагонӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ.

## 3. Мақсад ва вазифаҳои Тадбирҳо

Бо назардошти вазъи умумии тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ мақсад ва вазифаҳои таҳияи Тадбирҳо иборат мебошанд аз:

-бунёди заминаи зарурии тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар асоси арзишҳои умумибашарӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ (давлатӣ);

-ташаккул ва инкишофи мутаносибу муттасили худшиносӣ, сатҳи зарурии тафаккур ва инкишофи шуури инфиродию дастҷамъӣ, меросбарӣ, ворисияти арзишҳои фарҳангию миллӣ ва дастовардҳои тамаддуни халқи тоҷик;

-таъмини рушди мутаносиби ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносии назариявӣ дар заминаи ба эътибор гирифтани фазои ягонаи байналмилалии таҳсилоти хосияти миллидошта;

-ташаккули сатҳи зарурии идоракунии демократӣ, тарбияи дарки худшиносии сиёсӣ, азбар намудани муқаррароти суннатию башарӣ, тарбияи фаросати олии ворисият ба анъанаҳо ва арзишҳои ахлоқию фарҳангии миллӣ, истифодаи оқилонаи комёбиҳои пешрафти илмию техникӣ ва ғайраҳо;

-таъмини шароит барои рушду камоли инсон, равона кардани қобилияти ӯ ба ҷустуҷӯ ва дарёфти тарзи ҳаёти солим, тараққиёти иҷтимоии ҷомеа, ҳифзи табиат ва ғайра;

-ташаккули шуури сиёсӣ, вусъати ваҳдати миллӣ, худшиносии миллӣ, такмили асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои фарҳангиву адабӣ ва таърихии ифодагари манфиатҳои давлатдории навин, ҳимояи истиқлол ва рушди мутаносиби кишвар.

Тадбирҳо раванди тараққиёти минбаъдаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносиро таъмин намуда, Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зимни ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва инкишофи давлатдории навин мавриди истифода қарор медиҳад.

## 4. Равияҳои асосии амалӣ кардани Тадбирҳо. Ҷорабиниҳо дар бобати ба даст овардани мақсадҳо ва иҷрои вазифаҳои Тадбирҳо.

Иҷрои мақсад ва вазифаҳои асосии илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ ба тариқи зайл имконпазир аст:

-пажӯҳишгоҳҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносии Академияи илмҳо ҳамчун марказҳои илмию методӣ ва ҳамоҳангсозии илмии соҳаҳои марбута эътироф гаштаанд. Бинобар ин муассисаҳои мазкур бояд дар пешрафти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ нақши муассир дошта бошанд.
Барои иҷрои ин вазифаҳо онҳо ба дастгирии рӯзафзуни давлат ниёз доранд;

-Стандарти давлатӣ оид ба илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ бояд комилан мазмуну мундариҷаи ҷомеашиносии назариявиро ифода намояд;

-тарзи муносибат ба таъминоти хусусиятҳо ва моҳияти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ такмил ёфта, мақоми онҳо дар байни донишҳои дигари инсоншиносӣ мушаххасан муайян ва асосҳои бунёдии онҳо таҳким дода шаванд;

-дар Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ таълими илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ бояд мақоми сазовори худро пайдо намояд;

-илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ, ки ифодаи илмӣ назариявии соҳаҳои асосии низоми ҷамъиятӣ ва шинохти инсон мебошанд, дар риштаи маорифи кишвар ҳамчун фанҳои ҳатмии таълимӣ эътироф гарданд;

-дар заминаи модели навини Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ накшаҳои нави муассисаҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гврдвнд ва онҳо бидуни субъективизм ва валюнтаризм дар заминаи таҳлилҳои илмӣ ва баҳисобгирии манфиатҳои рушди давлати миллӣ анҷом дода шаванд.

Омилҳои асоси амалӣ намудани Тадбирҳо ба ҳисоб мераванд:

-омилҳои ҳуқуқӣ: ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва маориф. Таҳия, қабул ва мавриди амал қарор додани санадҳои нави зарурӣ;

-омилҳои иқтисодӣ: таҳия ва тасдиқи меъёрҳои муосири муздиҳии мутахассисони соҳаҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ;

-таҳияи барномаҳои иқтисодӣ барои дастгирии таҳқиқоти бунёдии ин илмҳо ва таълими онҳо;

-омилҳои ташкилӣ: ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Стандарти давлатии таҳсилот ва такмили доимии он. Таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳова воситаҳои таълимӣ;

-ҷудо намудани маблағҳои зарурӣ барои чопи асарҳои тадқиқотии пажӯҳишгоҳҳо, осори ниёгон ва олимони намоёни гузаштаи наздик;

Аҳамияти махсуси давлатӣ додан ба ҳалли масъалаҳои манзил, махсусан барои мутахассисони ҷавон.

Азбаски илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ ҷаҳонбинии муосир ва сирати маънавии инсонро ташаккул медиҳанд, бояд дар низоми илмҳо ва донишҳои муосир мақоми афзалиятнок ва нақши пешбаранда дошта бошанд.

## 5. Мақом ва сохтори илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ

Сохтори илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муассисаҳои таҳқиқоти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияҳои соҳавӣ, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мактабҳои таҳсилоти касбӣ, мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣиборат мебошад. Таҳқиқи проблемаҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ, таълими онҳо дар тамоми муассисаҳо, новобаста ба шакли моликият ва сатҳи муассисӣ, мазмун ва мундариҷаи якхела дошта, дар заминаи таъмини амнияти сиёсӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва иттилоотӣ сурат мегирад.

Таҳсилоти миёнаи умумӣ асоси низоми сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа мебошад, ки ба одамон дониш омӯхта, онҳоро ба ҳаёт омода мегардонад.

Маълумот дар бораи соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъият дар шароити таҳсилоти ҳамагонӣ ва мактабҳои олӣ, новобаста аз равияҳои таҳсилот, хислати ҳатмӣ дорад. Он бояд асосҳои донишҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дарбар гирад ва ҷаҳонбинии илмӣ ва маърифати ҳамагонии сатҳи муосирро ташаккул диҳад.

Таҳқиқи масъалаҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар пажӯҳишгоҳҳои илмҳои соҳавӣ, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар хусусияти меҳварӣ ва бунёдӣ дошта, асоси густариши ҷанбаҳои асосии илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносиро ташкил медиҳад.

Омӯзиши илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ ба таври мукаммал дар мактаби олӣ сурат мегирад ва аз ин рӯ он бояд тамоми масъалаҳо ва равандҳои асосии инкишофи ҷомеаро ба таври комил, дар сатҳи зарурӣ ифода намоянд.

## 6. Самтҳои афзалиятноки таҳқиқот дар соҳаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ

Дар низоми илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳо ва самтҳои афзалиятнок таърихан ташаккул ёфтаанд. Дар даврони истиқлол бинобар ниёзҳо ва манфиатҳои ҳаётии мардум ва кишвар соҳаҳо ва самтҳои нави афзалиятнок зуҳур намуданд ва тадриҷан инкишоф меёбанд. Бо назардошти ҳадафҳо ва вазифаҳои Тадбирҳо самтҳои афзалиятноки таҳқиқот дар соҳаҳои асосии илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ аз мақсадҳои зерин иборатанд:

Дар соҳаҳои фалсафа, сиёсатшиносӣ ва сотсиология:

-густариши минбаъдаи илмҳои фалсафа, сиёсатшиносӣ ва сотсиология бо назардошти қонеъ гардонидани талаботи ҳозираи илмӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ;

-таҳқиқи бештари соҳаҳои фалсафаи табиатшиносӣ, онтология ва гносеология, этика, эстетика, мантиқ ва ғайра;

-дар соҳаи таърихи фалсафа таҳқиқи васеъи афкори фалсафӣ ва иҷтимоию ахлоқии халқи тоҷик, мактабҳои фалсафии гузашта аз нигоҳи методологияи муосири таҳқиқ ва тадқиқи масъалаҳои умдатарини таърих ва назарияи дин;

-таҳқиқи амиқи масоили рушди устувори сиёсии ҷомеа, таҳкими давлатдории миллӣ, ташаккули маърифати сиёсии омма ва худшиносии миллӣ, таърихи таълимоти, сиёсӣ, масъалаҳои ҳокимият ва идораю сарварии сиёсӣ, низоми сиёсии ҷомеа, институтҳо, муносибатҳо ва раванди демократия, ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ, низоми сиёсии ҷомеа, гуногунандешии сиёсӣ ва омилҳои тараққиёти устувори сиёсӣ, иқтимсодӣ ва иҷтимоию фарҳангии Тоҷикистон, мақом ва нақши Тогҷикистон дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ;

-тавсеаи таҳқиқотҳои сотсиологӣ дар партави дигаргунсозиҳо ва азнавсозиҳои ибтидои асри X X I ба манзур и муайян кардани тамоюли равандҳои иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ, такмили сохтори ҳокимият, ба низом овардани ҳамкории сохторҳои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, такомули сохторҳои он.

Дар соҳаи илми таърих:

-таҳқиқи васеи таърихи халқи тоҷик аз замонҳои қадим то охири асрҳои миёна бо ҷалби сарчашмаҳои нави таърихиву бостоншиносӣ;

-таҳқиқи таърихи нав ва навтарини халқи тоҷик бо назардошти услубҳои нави таърихнигорӣ;

-омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи халқи тоҷик аз замонҳои қадим то рӯзҳои мо;

-таҳқиқи мукаммали таърихи фарҳанг ва санъати халқи тоҷик;

-таҳқиқи таърихи этникии Осиёи Миёна, таҳия ва нашри манбаъҳои таърихӣ;

-вусъати таҳқиқоти бостоншиносӣ, таҳияи Харитаи бостоншиносии Тоҷикистон.

-таҳқиқи масоили этнофарҳангӣ ва таҳияи Атласи этнографии Тоҷикистон.

Дар соҳаи илми иқтисодиёт:

-муайян намудани самтҳои асосии тақвияти минбаъдаи дигаргунсозии иқтисодиёти бозорӣ;

-таҳлил ва таъйини марҳилаҳои пайвастани иқтисодиёти Тоҷикистон ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ;

-таҳқиқи тараққиёт ва рафти интегратсионӣ ва ҳамкорӣ дар давраи гузариши иқтисодиёти Тоҷикистон ва таъмин намудани самаранокии ҳамгироии иқтисодӣ бо давлатҳо ва гурӯҳҳои гуногуни ҳамгироӣ;

-масъалаҳои ҳавасмандкунӣ, ҳифзи маблағгузорӣ ва маблағгузорон;

-масъалаҳои ҳавасмандкунии тараққиёти соҳибкории хурд ва миёна;

-ҳамкории ҳамаҷониба бо кафедраҳои дахлдори мактабҳои олӣ ва институтҳои илмию таҳқиқотии дигари соҳавӣ дар таҳқиқи масъалаҳои муҳими иқтисодиёти бозории Тоҷикистон;

Дар соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ;

-таҳқиқи таърихи давлатдории халқи тоҷик;
-таҳлилу пешниҳоди афкори миллӣ оид ба давлат ва ҳуқуқ;
-таҳияи назарияҳои нави ҳуқуқӣ, миллӣ ва робитаи онҳо бо ҳуқуқи байналмилалӣ;
-ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо марказҳои пурқуввати илмии кишварҳои хориҷӣ;
-омӯзиши падида ва меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқи муқоисавӣ ва соҳавӣ;
-таҳқиқи масоили мубрами ҳуқуқи байналмилалӣ;
-омӯзиши заминаҳои ҳуқуқии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
-ба вуҷуд овардани асосҳои илмӣ ва ҳуқуқии сиёсати давлатӣ дар соҳаи об, экология ва демографии;
-мунтазам такмил ва ба шароити муосир мутобиқ намудани қонунгузорӣ.
Дар соҳаи илми филология:
-танзиму таҳлили истилоҳот ва меъёрҳои забони адабии тоҷик;
-таҳқиқи грамматикаи илмӣ ва грамматикаи таърихии забони тоҷикӣ, асосҳои меъёрҳои нави забони тоҷикӣ;
-таҳия ва нашри «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ», фарҳангҳои тафсирӣ, дузабона, меъёрӣ ва фарҳанги имлои забони адабии тоҷик;
-таҳқиқи адабиёти тоҷик аз дидгоҳи нави илмӣ;
-пажӯҳиши интиқодии адабиёти даврони шӯравии тоҷик ва таҳияи таърихии адабиёти шӯравии тоҷик;
-пажӯҳиши адабиёти давраи истиқлол ва анъанаву навовариҳои он, ҷараёнҳои адабӣ ва масъалаҳои мубрами адабиёти он давра;
-таҳқиқи робитаҳои адабии халқи тоҷик бо мардуми кишварҳои хориҷӣ;
-таҳқиқи ҳамаҷонибаи адабиёти шифоҳии халқи тоҷик ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ;
-таҳия ва чопи интиқодии «Куллиёти фолклори тоҷик».
Дар соҳаи илми шарқшиносӣ:
-омӯзиши масъалаҳои вобаста ба сарнавишти халқи тоҷик ва мардумони минтақа дар асоси сарчашмаҳои пурарзиши Ганҷинаи дастхатҳо;
-таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва мубрами Шарқ бо назардошти тамоюлоти шарқшиносии ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, шарқшиносии аврупоӣ;
-тақвияти бештари самтҳои эроншиносӣ, афғонистоншиносӣ ва ҳинду покистоншиносӣ;
-таҳқиқи васеъ ва пурраи олами ислом ва тамаддуни исломӣ бо назардошти маҷмӯи масоили ҳуввият ва таърихии халқҳои Осиёи Марказӣ;
-омӯзиши решаҳои аслӣ ва сабабҳои низоъҳо дар кишварҳои шарқӣ, авҷ гирифтани мавҷи ифротгароӣ, терроризм ва падидаҳои дигари харобгар барои минтақа ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дар маҷмӯъ.
Дар соҳаи демография:
- таҳия ва такмили назария, Амалия ва сиёсати давлатӣ танзими нуфуз;
-таҳия ва таҳқиқи масъалаи ҳамкориҳои мутақобилаи экологию демографӣ;
-таҳияи назарияи муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ, шаҳрнишинӣ ва сукунат;
-таҳқиқи масъалаҳои пиршавии аҳолӣ ва пешгӯии шумора ва ҳайати аҳолӣ, маҷмӯи оқибатҳои рушди ин ё он намуди демографӣ;
-таҳияи Консепсияи сиёсати демографии оилавии давлат ҷиҳати баланд бардоштани шуурнокии танзими оила ва никоҳ.
Дар соҳаҳои педагогика ва психология:
-таҳқиқи таърих, назарияи педагогика ва психологияи халқи тоҷик;
-таҳияи Консепсияи миллии тарбияи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба он мувофиқ кунонидани васоити таълимии фанҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ;
-таҳқиқи бунёдии муҳити иҷтимоию фарҳангии соҳаи маориф;

-ворид кардани таълими педагогика ва психология дар нақшаҳои таълимии тамоми донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва муассисаҳои касбии ҷумҳурӣ;

-таъсиси маҷаллаи нави илмию методии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи «Таълими илмҳои ҷамъиятшиносӣ».

## 7. Муттаҳид кардан ва истифодаи иқтидори илмӣ дар соҳаҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ

Бо мақсади пурқувват кардани таъсири илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ ба суръати тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии кишвар таҳқиқотҳоро ба талаботи Амалии ҷомеа бояд наздик кард. Дар баробари баланд бардоштани сатҳи назариявӣ ва методологӣ истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмиро дар амал бояд бештар ҷорӣ намуд, бояд истифодаи дастовардҳои илмӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, сиёсат ва маънавиёти ҷомеа бештар ва самарабахштар гардад, инчунин шароитро барои амалӣ кардани натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ фароҳам овардан зарур аст. Иқтидори илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ бояд бо роҳи пешбурди таҳқиқоти илмиву амалӣ ва таҳлилӣ дар равияҳои афзалиятноки зерини тараққиёти ҷамъиятию сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии кишвар мутамарказ ва истифода шаванд:

Дар самти рушди ҷамъиятию сиёсӣ:

-такмили сохторҳои ҳокимият, роҳҳо ва воситаҳои таҳкими иқтидори кадрӣ, ташаккули фалсафаи истиқлолияти давлатӣ;

-такмили низоми идораи сиёсӣ;

-фароҳам овардани фазои мутамаддини интихоботӣ;

-ташаккули идеологияи умумимиллӣ;

-ташаккули шуури сиёсӣ ва фарҳанги сиёсӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди шаҳрвандии сиёсӣ дар шуури ҳар фард;

-ташаккули маданияти муошират ва ҳамкорӣ дар байни ҳизбу ҷунбишҳои сиёсӣ ва дигар субъектҳои сиёсӣ;

-муайян кардани арзишҳое, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ барои ҳифзи ҳуввияти миллӣ мусоидат менамоянд;

Дар самти иҷтимоиёт:

-муайян кардани хусусиятҳои муносибот ва сохтори нави ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон;

-муайян кардани роҳҳои таҳкими пояҳои бунёдии сиришти миллии ҷомаи муосири тоҷик ва хусусиятҳои он;

-ташаккули тасаввуротҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар бораи рафтори шоистаи иҷтимоӣ;

-таъйини таносуби дониш ва меъёрҳои ахлоқӣ дар ҳуввияти миллӣ;

-муайян кардани зинаҳои ҳуввияти иҷтимоии ҷомеаи тоҷик ва пӯёии (динамикаи) тағйирёбии онҳо;

-ташаккули сохтори нави табақабандии иҷтимоӣ;

-худмуайянкунии иҷтимоии ҷавонон дар шароити воқеии Тоҷикистони навин;

-муайян кардани захираҳои гурӯҳҳо ва фароҳам овардани шароит дар низоми маориф;

-робитаи мутақобилаи амалиёти бозори меҳнат ва низоми таълимоти касбӣ.

Дар самти рушди маънавиёт:

-ташаккули ҷаҳонбинии нав дар заминаи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ;

-ташаккули худшиносӣ ва ахлоқи ҳамида;

-пешбинӣ кардани оқибатҳои мусбию манфии имконпазирии ба ҷомеаи иттилоотӣ дохилшавии олами исломӣ;

-зарурати ислоҳи шуури динӣ дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ.

Таълим ва тарбияи кадрҳои илмӣ ва омӯзгорӣ:

-тайёр кардани кадрҳои илмию педагогии баландихтисос дар соҳаҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ;

-иштирок кардан дар таҳияи Стандартҳои давлатии таълимот, нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ барои мактабҳои олии касбӣ;

-таҳияи китобҳои дарсӣ оид ба илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ.

## 8. Дастгирии фаъолияти навоварӣ

Барои ҳалли ин масъала таҷрибаи гузаштаи Академияи илмҳои кишварҳои Иттифоқи Давлатҳои Мустақил ва хориҷии дигарро ба таври ҳамаҷониба мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор дода, ҳамкории олимон ва муҳақиқони соҳаҳои мухталифи илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносии кишварро ба муассисаҳои таҳқиқотӣ ва олимони давлатҳои дигар ба таври доимӣ ва ҳамаҷониба ба роҳ мондан зарур аст.

Таҳқиқи проблемаҳои муосир дар соҳаҳои иқтисодиёт, таърих, филология, шарқшиносӣ, фалсафа, таҳлили фарҳангшиносӣ, сиёсатшиносӣ, демография ва ғайра дар асоси падидаҳои нави сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ сурат гирифта, қонуниятҳои инкишофи ҷомеа ва пешгӯии илмии инкишофи он дар ин соҳаҳо ба таври нав бояд сурат гиранд.

Қобили зикр аст, ки дар низоми илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ, ки бо истеҳсолот бевосита алоқа надоранд, муайян кардани назарияҳо ва бозёфтҳои тозаи илмӣ хусусияти нисбӣ дошта, ба таври мушаххас пешниҳод кардани онҳо мушкил мебошад.

Барои ҳавасмандсозии навоварӣ ва дастгирии тадқиқоти илмӣ дар соҳаҳое, ки мутахассисонашон дар ҷумҳурӣ камшуморандва ё мавҷуд нестант, амалӣ намудани корҳои зайл зарур аст:

-равон кардани мутахассисони ҷавон ба марказҳои илмии Россия ва кишварҳои дигар, ки бо онҳо барои коромӯзӣ ва ҳимояи рисолаҳои номзадӣва докторӣ созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расидаанд;

Зиёд намудани мукофотҳои давлатӣ барои таҳқиқотҳои илмие, ки баҳри ҷамъият манфиатбахшанд;

-дастгирии олимон дар нашри натиҷаҳои таҳқиқот;

-густаришу тавсеаи доираи мавзӯъҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар пояи дастгирии ҳамаҷониба ва ҳавасмандсозии фаъолияти навоварӣ, афзун сохтану таҳким бахшидани иқтидорҳои илмиву амалии муассисаҳо ва марказҳои илмиву таҳқиқотии илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ;

-таъсис ва татбиқи илмиву амалии риштаҳои нави ба талаботи замони муосир мувофиқи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, барқарорсозӣва ташкили бахшҳои нави таҳқиқи илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ (аз ҷумла, дар соҳаи илми филология бахшҳои этнолингвистика, диалектология, забоншиносии таърихӣ, равияҳои таҳқиқи адабиётшиносӣ ва фолклорӣ);

-таҳқиқот дар соҳаи илмҳои таърих на танҳо тавассути усули форматсионӣ, балки бо истифодаи методологияи фарҳангӣ ва тамаддунӣ бояд сурат гирад.

## 9. Ҳамгироии илмҳои академӣ, соҳавӣ ва мактабҳои олӣ. Тарбияи кадрҳои илмӣ

Татбиқи вазифаҳои стратегии илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносии тоҷик имрӯз пеш аз ҳама, тарбия намудани кадрҳои баландихтисоси ба сатҳи рушди илми ҷаҳонӣ мувофиқ ва инкишофи самтҳои афзалиятнок, ҳамоҳангии илмӣ ва ҳамгироии илмҳои академӣ, соҳавӣ ва мактабҳои олиро тақозо дорад.

Мушкилоти ҷиддӣ гусаста шудан ва ё суст гардидани робитаҳои институтҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо марказҳои илмии Россия ва дигар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва

ҳамчунин давлатҳои хориҷии дур мебошад. Чунин робита дар марҳилаи ҳозира хеле зарур аст, аз ҷумла барои ҳамоҳанг сохтани таҳқиқоти илмӣ.

Дастрасии нокофӣ ба маводи навини таҳқиқӣ низ тақозои ҳамоҳангии сатҳи муосирро тақозо дорад.

Яке аз вазифаҳои стратегӣ он аст, ки ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмии пажӯҳишгоҳҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мактабҳои олӣ ва Маркази тадқиқотии стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тақвият ёбад. Чорабиниҳое дар назар гирифта шаванд, ки амалӣ шудани онҳо барои муттаҳид сохтани иқтидорҳои пажӯҳишгоҳҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мактабҳои олӣ имкон диҳанд ва низоми тайёр кардани мутахассисони ҷавонро мақсадноку самарабахш гардонанд.

Барои ҷалб кардани ходимони пешбари илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кафедраҳои илмӣ, хондани лексияҳо ва роҳбарии илмии аспирантон, таҳияи китобҳо ва маводи дарсӣ шароити лозим муҳайё кардан зарур мебошад. Ин имкон медиҳад, ки донишҷӯён низ ҳарчи бештар дар корҳои илмии шӯъбаҳои пажӯҳишгоҳҳо иштирок намоянд. Бо мақсади ташкил кардани вазъи мусоид барои иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ ва дастгирии моддии устодони ҷавони мактабҳои олӣ тартиби ба кор қабул кардани онҳо дар пажӯҳишгоҳҳо дар асоси қарордод дар давоми мӯҳлати иҷрои лоиҳаи илмӣ ва ё барномаҳои комплексӣ мувофиқи матлаб аст.

Тарбияи кадрҳои илмӣ асосан тавассути таҳсил дар аспирантура ва докторантура сурат гирифта, бо ин сатҳи умумии тарбияи кадрҳои илмӣ бояд пайваста боло бурда шавад.

Агар дар назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Институти такмили ихтисоси омӯзгорони мактабҳои олӣ бо ҷалби нерӯҳои институтҳои таҳқиқотӣ ташкил карда шавад, дар кори ҳамоҳангсозии тарбияву такмили ихтисоси кадрҳо ва ҳамкории олимони академия бо мактабҳои олӣ муваффақият ҳои бештаре ба даст меомад.

Дар шароити кунунӣ тақвияти фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмӣ ниҳоят муҳим аст.

### 10. рушди пойгоҳи моддию техникии илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ

Самаранокии таҳқиқоти илмӣ ва афзалияти онҳо, имконияти ба сатҳи баланди таҳқиқоти илмӣ ноил шудани олимон аз бисёр ҷиҳат ба ҳолат ва азнавсозии базаи моддию техникӣ вобаста аст. Ва сабабҳои маълум дар даҳсолаи охир дар Тоҷикистон имконияти дастгирӣ барои азнавсозии базаи моддию техникии муассисаҳои илмӣ маҳдуд буд.

Ҷиҳати мустаҳкам кардани асосҳои моддию техникии муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва таълимии илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ вобаста ба хусусиятҳои ҳар муассиса ва соҳа чораҳои зарурӣ бояд андешида шаванд.

Барои китобхонаҳо, ки воситаҳои иттилоот мебошанд, ҷиҳати харидорӣ намудани дастнависҳо ва осори таърихию фарҳангӣ аз ашхоси ҷудогона ва таъмини нигоҳдории онҳо маблағи зарурӣ ҷудо кардан зарур аст.

Ҷудо кардани маблағ барои хариди таҷҳизоти замонавии ба шароити имрӯза мувофиқ, ҳамчунин барои коркарди химиявӣ ва ба ин васила барқарор намудани маъхазҳои таърихиву фарҳангӣ зарур мебошанд.

### 11. Рушди заминаи иттилоотию коммуникатсионии илм

Низоми иттилоотию коммуникатсионии илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ нест. Барои рушди заминаи ин низом Тадбирҳои асосии зерин заруранд:

-таъмини дастрасии муҳақиқон ба шабакаи Интернет ва низоми муосири иттилооти илмӣ;

-мусоидат барои таъмини дарёфти осори таҳқиқӣ ва илмии марказҳои илмии ҷаҳонӣ;

-муқаррар намудани сафарҳои илмӣ ба кишварҳои Шарқу Ғарб, ҳамчунин дохили кишвар ва таҳқиқот дар маҳалҳо;

-таъсиси маркази фарогири иттилооти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ;

-таъсиси китобхонаи электронии илмӣ.

## 12. Рушди ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ

Ҳама гуна робитаҳои байналмилалии илмӣ, мубодилаи афкор дар соҳаҳои гуногуни илм боиси пешрафти илм ва рушди тафаккури олимон мегардад. Барои пешрафти босамари робитаҳои байналмилалии илмӣ Тадбирҳои зерин мусоидат мекунад:

-боло бурдани сатҳи тайёрӣ ва омодагии иштирокчиёни конфронсҳо ва симпозиумҳои байналмилалии илмӣ ва нишон додани чеҳраи воқеии илми тоҷик дар миқёси умумиҷаҳонӣ;

-иштироки олимони тоҷик дар амалӣ намудани лоиҳаҳои муштараки илмӣ бо олимони кишварҳои дигар ва иҷрои барномаҳои байналмилалии илмӣ ва ғайра;

-табодули кадрҳои илмӣ, китоб, мақола ва нашрияҳои илмӣ бо муассисаҳои илмии кишварҳои минтақа ва ҷаҳон;

-нашри маҷаллаҳои муштараки илмӣ барои муаррифии дастовардҳои илми муосири тоҷик;

-ташкили сафарҳои илмии кормандон ба марказҳои бузурги илмии ҷаҳонӣ;

-дар асоси шартнома тайёр намудани кадрҳои илмӣ дар соҳаҳои илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ, ҳимояи рисолаҳои илмӣ, ба роҳ мондани коромӯзии илмӣ ва ғайра.

## 13. Таъмини маблағгузории рушди илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ

Чорабиниҳои асосие, ки барои тақвият ва суръатбахшии фаъолияти инноватсионӣ ва илмию техникӣ нигаронида шудаанд, аз амалҳои зерин иборат мебошанд:

-таъмини истифодаи самаранок ва мақсадноки воситаҳои буҷетӣ. Ки барои маблағгузории тадқиқотҳои илмӣ ва рушди соҳаҳои техникӣ ҷудо шудаанд;

-мутамарказонидани захираҳои буҷетӣ дар соҳаҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва барномаҳои илмию техникӣ. Дар шароити маҳдуд гаштани воситаҳои буҷетӣ муҳим аст, ки сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ дарёфт гардида, мақсаднок истифода шаванд ва барои маблағгузорӣ дар корҳои илмию таҳқиқотӣ тамоми дастовардҳои илмӣ ва илмию техникӣ истифода шаванд;

-дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ» ҳамчун соҳаи афзалиятнок эътироф намудани таҳқиқоти бунёдии ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ, такмили маблағгузории соҳаи мазкур. Мунтазам дар назар гирифтани таносуби музди ко рва беқурбшавии пул, инчунин афзоиши нархҳо.

Маблағгузории буҷетӣ ҳамчун сарчашмаҳои асосии рушди илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ, манбаи захиравии илм боқӣ мемонад. Ғайр аз ин барои тараққиёти илм метавонанд маблағҳои иловагӣ аз ҳисоби ташкилотҳои байналмилалӣ муассисаҳо, фирмаҳо ва ширкатҳо, шахсони алоҳида ва маблағҳои хусусии ташкилотҳои илмӣ низ ҷалб шаванд.

## 14. Роҳбарии таъмини рушди илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ

Амалӣ кардани Тадбирҳои тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ аз ҷониби пажӯҳигоҳҳои илмию таҳқиқотии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисоти илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таълимоти олие, ки бо ин проблема машғуланд, сурат мегирад.

Назорати амалӣ намудани ин Тадбирҳо ба ӯҳдаи Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда мешавад.

Рафти амалӣ намудани Тадбирҳо, баҳо додан ба аҳамияти он ва амалӣ гардидани чораҳо, ки барои ба даст овардани мақсадҳо ва ҳалли масъалаҳои Тадбирҳо нигаронида шудаанд, инчунин пешниҳодҳо роҷеъ ба беҳтар намудани назорат ҷиҳати амалӣ гардонидани Тадбирҳо аз ҷониби Бюрои Шӯибаи илмҳои ҷамъиятшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарии умумии татбиқи Стратегия аз ҷониби Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Назорати татбиқи Тадбирҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои марбутаи он амалӣ мегардонанд.

НОМГӮИ
МУҲИМТАРИН МАВЗӮЪҲОИ СОҲАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ ВА ИНСОНШИНОСӢ, КИ БАРОИ ТАТБИҚ ТАЙИ СОЛҲОИ 2009-2015 БА НАҚША ГИРИФТА ШУДААНД.

| № | Номи мавзӯъ | Муассисаи масъул | Солҳои таҳияи мавзӯъ | натиҷаҳо | Вазорат, идора ва муассисае, ки мавзӯъ дар он ҷо мавриди истифода қарор мегирад |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Таърихи халқи тоҷик дар 6 ҷилд: Ҷилдҳои III, IV, VI | Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2009-2015 | Таълифи монографияҳои бисёрҷилда. Истифодаи илмии мавод роҷеъ ба этногенез, таърих ва бостоншиносии халқи тоҷик | Акдемияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои илмию иҷтимоӣ, кафедраҳои мактабҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ |
| 2 | Харитаи бостоншиносии Тоҷикистон | Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2009-2015 | Нашри маҷмӯаҳои бисёрҷилда ва харитаҳои тамоми объектҳои бостоншиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Акдемияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултаҳои таърихи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | Таълифи асарҳои таҳқиқотӣ оид ба проблемаҳои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, равандҳои демократӣ ва таҳкими истиқлолият, худшиносии миллӣ, хусусиятҳои муносибатҳо дар сохтори нави ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ислоҳи шуури | Институти фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисон аз муассисаҳои дигари илмӣ | 2009-2015 | Таълифи монография, асарҳои бисёрҷилда, мақола ва дигар маводи нашрӣ | Акдемияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, факулта ва кафедраҳои фалсафаи мактабҳои олии |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | динӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, таърихи фалсафаи халқи тоҷик, институтҳои сиёсии ҷомеа | | | | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 4 | Тарҷумаи осори фалсафии гузашта аз осори арабӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ва аз тоҷикӣ ба русӣ | Институти фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисон аз муассисаҳои дигари илмӣ | 2009-2015 | Таълифи монография, асарҳои бисёрҷилда ва мақолаҳо | Акдемияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| 5 | Такмили ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир | Институти фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисон аз муассисаҳои дигари илмӣ | 2009-2015 | Масоили соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқи муосир, ҳуқуқи конститутсионӣ, шаҳрвандӣ, соҳибкорӣ, ҷиноятӣ омӯхта ва таҳлил карда шуда, аз рӯи онҳо хулосаҳо бароварда мешаванд; Тавсия ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузорӣ, татбиқи онҳо дар амалия самараи хуби иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дода метавонад; Конференсияи илмӣ гузаронида мешавад; Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ, монография ва китобҳои дарсӣ таҳия ва нашр карда мешаванд. | Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Акдемияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултаҳои ҳуқуқи донишгоҳҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 6 | Таҳқиқи тағйироти давлатӣ ва ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ИДМ | Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2009-2015 | Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар шакли пешниҳод ва тавсия ба муассиса ва мақомоти дахлдор пешниҳод карда мешаванд. | Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Акдемияи илмҳои |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултаҳои ҳуқуқи донишгоҳҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 7 | Таҳия ва нашри «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ» дар 6 ҷилд ва «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» | Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2009-2015 | Таълифи рисолаҳо, мақолаҳо ва маводи илмӣ | Акдемияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| 8 | Таҳия ва нашри «Таърихи адабиёти тоҷик» дар 4 ҷилд | Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2009-2015 | Таҳияи монография, рисола ва асарҳои бисёрҷилда | Акдемияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, |
| 9 | Идомаи нашри «Куллиёти фолклори тоҷик» | Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2009-2015 | Нашр намудани китобҳо, мақолаҳо ва рисолаҳо | Акдемияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| 10 | Таҳия, таҳқиқ ва нашри силсилаи осори арзишманди хаттии адабӣ, таърихӣ ва исломӣ | Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2009-2015 | Боло рафтани сатҳи маърифати адабӣ, фарҳангӣ ва динии мардум, тақвияти худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, баланд шудани эътибори Тоҷикистон | Акдемияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 11 | Таҳқиқи равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Эрон, Афғонистон ва | Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии | 2009-2015 | Коркард ва татбиқи стратегияи минтақавӣ ва байналмилалӣ, густариш ва рушди | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бахши хориҷии |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | кишварҳои дигари Шарқ дар нимаи дуввуми асри XX ва оғози асри XXI | Тоҷикистон | | ҳамкории минтақавӣ, пешгирии таҳдиду хатарҳо барои Тоҷикистон ва минтақаи таърихии Осиёи Марказӣ | сиёсати хориҷии Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Акдемияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 12 | Дигаргунсозиҳои иқтисодиёти Тоҷикистон дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ | Институти иқтисодии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2009-2015 | Ба вуҷуд овардани шаклҳои гуногуни моликият, бозсозии сохтори истеҳсолот, устуворгардонии ҳолати молиявӣ ва пулӣ, такмили муносибатҳои истеҳсолӣ мувофиқи талаботи иқтисодиёти бозорӣ | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 13 | Таҳияи консепсияи сиёсати демографии оиладорӣ | Институти демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2009-2015 | Таълифи монографияҳо ва мақолаҳо доир ба сиёсати давлат, танзими оила ва сиёсати нуфуз | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 14 | Таҳияи дастур ва нишондодҳо дар бораи омода сохтани муҳити иҷтимоию фарҳангии маориф | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Акдемияи илмҳо, Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии педагогӣ | 2009-2015 | Таълифи китоб, рисола ва дастурҳо роҷеъ ба омода сохтани муҳити иҷтимоию фарҳангии маориф | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Акдемияи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон |